***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) пешниҳод мегардад.***

Ономастика ҳамчун як соҳаи маърифатомӯз ва ҷолиби лингвистикаи муосир ба масири ҳақиқӣ ва равиши илмӣ даромада, дар солҳои охир омӯзишу таваҷҷуҳ ба ин соҳаи забон дар қиёс ба сойири соҳаҳо бештар гардидааст. Номҳои хос, ки дар ономастика мавриди таҳлили пажуҳиш қарор мегиранд, метавонанд ба улуми иҷтимоӣ, аз ҷумла таърих, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, равоншиносӣ, этнология ва этнография маводи тозаи илмӣ диҳанд. Аз сӯйи дигар, омӯзиши номҳо, ҳамчун категорияи махсуси забоншиносӣ ба категорияи илми мантиқ – мафҳум иртиботи қавӣ пайдо карда, дар як вақт аз он бо баъзе вижагиҳо тафовути куллӣ доранд.

Оид ба санъати номгузорӣ ё ба истилоҳи байналмилалӣ ономастика бар мабнои осори таърихию ҷуғрофӣ корҳои муҳимму бунёдӣ анҷом пазируфта бошад ҳам, паҳлуҳои гуногуни он ҳанӯз ба таҳқиқи ҷиддии илмӣ ниёз дорад. Кори диссертатсионии Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» халои мавҷудаи илмиро дар ономастикаи муосири тоҷик метавонад пур ва комил гардонад.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он маълум мегардад, ки диссертант ба мавзуъ ворид шудааст ва аз осори назарии марбут ба ономастика хуб бархурдор аст, ки шеваи таҳқиқ доварии холиси ин гуфтаҳост.

Дар **муқаддима** муҳаққиқ бо назардошти меъёрҳои муқаррагардида диссертатсияро муаррифӣ намуда, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ки кор дар заминаи онҳо иҷро гардидааст, баён менамояд. Дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ муҳаққиқи ҷавон мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои илмӣ ва асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ,

мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ҳангоми таҳқиқ, тасвиби амалии таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, сохтори онро муайян намудааст.

Боби аввал, ки «Таърихи Бухоро» ва омӯзиши назариявии ономастикаи он» унвон гирифтааст, аз ду фасл иборат мебошад. Дар зерфасли аввали ин боб нусхаҳои «Таърихи Бухоро» ва тарҷумаи онҳо, ки барои диссертант ҳамчун сарчашмаҳои асосии таҳқиқ хидмат мекунанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, матни интиқодӣ ва боэътимоди ин асари таърихӣ муқаррар шудааст. Муаллифи диссертатсия дар кадом китобхонаи ҷаҳонӣ маҳфуз будани онҳоро нишон медиҳад.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввал, ки «Чандомади моводи ономастикаи асар» номгузорӣ шудааст, ба масъалаи корбурди омории луғоти ономастикӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Муаллифи дисссертатсия тавассути коргирӣ аз овонигории байналмилалӣ ва усули математикӣ омори дақиқи қабатҳои луғоти ономастикиро нишон додааст. Таснифоти антропонимияи асар баҳси зерфасли якуми фасли дуюм қарор гирифтааст. Дар ин зерфасл муаллиф ба хулосае меояд, ки луғоти антропонимӣ нисбат ба луғоти топонимӣ дар асар бартарӣ дошта, бахши аъзамро ташкил медиҳанд. Зерфасли сеюми фасли дуюм «Таснифоти номи китобҳо» ном дошта, зикри осори гузаштагонро дар бар мегирад. Дар асар аз рӯйи қавли диссертант муаллифи «Таърихи Бухоро» – Наршахӣ аз 116 асари диниву таърихӣ ва осори тазкиравӣ ном мебарад.

Дар зерфасли чоруми фасли дуюм «Таснифоти гидронимия» ба роҳ монда шуда, диссертант дар хусуси корбурди 55 адад лексикаи гидронимӣ (рӯду дарёву чашмаву баҳру уқёнус) барои хонанда иттилои дақиқу муътамад медиҳад.

Зерфасли панҷуми фасли дуюм «Таснифоти номҳои омехта» унвон гирифта, муаллиф дар он таҳқиқи забонии номи ҷангҳо, номи ҷирмҳои осмонӣ, номи қавму қабилаҳо, номи хонадони шоҳон, номи адён, номи сураҳо ва номи дарвозаҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»» ном дорад,

масоилеро дар 8 фасл фаро мегирад, ки ба номгӯйи боб пайванди занҷирӣ доранд.

Дар фасли якуми боби дуюм «Таснифоти сохторӣ-калимасозии топонимия» бар мабнои усулҳои маъмули вожасозиву вожагузинӣ сохтори луғоти ономастикӣ баррасӣ шудааст, ки аз назари шакли зоҳирӣ ба вожагони муқаррарии забон умумият доранд.

Дар фасли дуюми боби дуюм ойконимия – нуқтаҳои аҳолинишини асар баррасӣ шуда, ба қабатҳои полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия ва агоронимия дастабандӣ шуда, дар зерфаслҳои алоҳида таҳқиқ гардидаанд.

Фасли сеюми боби дуюм бо номи «Оронимия» луғоти марбут ба сатҳи заминро дар асар фаро мегирад. Дар зерфаслҳои ин боб номи кӯҳҳо, номи теппаҳо, номи ағбаҳо ва номи дараҳо таҳқиқ шудаанд, ки барои баланд бардоштани ҳофизаи таърихии хонандаи имрӯз маълумоти боварибахш медиҳанд.

Дар фасли чоруми боби дуюм – «Дромонимия ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ» нуқтаҳои мухобиротӣ ва восилаи алоқа таҳлил гардида, номи қалъаҳо ва номи ибодатгоҳҳо шарҳу тавзеҳ шудаанд.

Фасли панҷуми боби дуюм «Агоронимия» унвон дорад, ки зерфасли «Агоронимияи омехта»-ро дар худ муттаҳид мекунад. Дар ин фасл номҳои майдон ва бозорҳои шаҳр баррасӣ шудааст.

Дар фасли шашуми боби дуюм – «Гидронимия» номи дарёҳо, номи кӯлҳо, номи баҳрҳо, номи ҷӯю ҷӯйборҳо, номи наҳрҳо ва номи рӯдҳо шарҳу баррасӣ шудаанд, ки аксари онҳо дар қаламрави Мовароуннаҳр ҷой гирифтаанд.

Фасли ҳафтуми боби дуюм – «Хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии антропонимия» қолаби асмои хоси марбут ба инсон баррасӣ гардида, таркиби морфологии онҳо нишон дода шуда, формантҳои номсоз таҳлил гардидаанд.

Дар фасли ҳаштуми боби дуюм – «Номҳои ифтихорӣ ва лақабҳо» таҳқиқ шудаанд ва муаллиф барҳақ ба хулоса меояд, ки ҳамномӣ боиси тавлиди лақабҳо шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»» ном дошта, аз чор фаслу чор зерфасл иборат аст.

Дар фасли якуми боби сеюм – «Хрематонимия» фарҳанги моддӣ, монанди номи китобҳо, мақолаҳо, объектҳои фарҳанги моддӣ, дасткориҳои инсон, амсоли ихтироот, таълифот, силоҳ, асбобҳои мусиқӣ ва ҷавоҳироту кандакорӣ баррасӣ шудаанд.

Фасли дуюми боби сеюм «Этнонимия» ном дошта, дар ин фасл номҳои этносҳои мухталиф аз назари забоншиносӣ таҳлил гардидаанд. Дар ин фасл ба масоили этногенези қавму қабоили маскуни Бухоро ишораҳо меравад.

Дар фасли сеюми боби сеюм – «Космонимия» номи аҷроми осмонӣ шарҳу тафсир шудаанд, ки барои шинохти коинот маводи ҷолиб медиҳад.

Фасли чоруми боби сеюм «Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» унвон гирифта, дар зерфаслҳои он номи ҷангҳо, номи сураҳо, истилоҳоти марбут ба адён ва номи дарвозаҳо шарҳу баррасӣ шудаанд.

Муаллиф паҳлуҳои муҳим ва хосси ономастикаи «Таърихи Бухоро»-ро дар 20 банд ҳамчун хулосаи таҳқиқ ҷамъбаст намуда, 6 тавсияи истифодаи амалии диссертатсияро пешниҳод мекунад, ки муъҷазу мудаллал мебошанд.

Автореферат бо забони ноби тоҷикӣ таълиф гардида, муҳаққиқ доир ба мавзуи диссертатсия 1 моногрфия ва 8 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир намудааст, ки мазмуну мундариҷа ва натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд. Ҳамчунин, муҳтаво ва масоили бахшҳои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлилу баррасӣ ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст. Бо вуҷуди дастовардҳо ва комёбиҳои назаррас дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ислоҳпазир ба мушоҳида мерасад, ки бартараф кардани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Муаллифи диссертатсияро зарур аст, ки дар ғаномандӣ ва истилоҳотсозии соҳаи ономастика ташаббус нишон дода, модулҳои тоҷикии истилоҳоти байналмилалиро, аз қабили полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия ва агоронимия бо забони давлатӣ пешниҳод намояд ва дар таҳқиқи минбаъда истифода барад.

2. Дар қисмати «Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ» муаллиф бештар ба масъалаи таърихи омӯзиши илми ономастика диққат дода, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқнамудаи худ чизе намегӯяд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мавҷуд аст, ки ислоҳи онҳо боиси беҳтар шудани сифати кори диссертатсионӣ мегардад.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, сардори
раёсати таълими Донишгоҳи
давлатии Данғара Қодиров Д.С.
«06» марти соли 2025

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 34/1, хонаи 17
Тел.: (+992) 93-133-07-77
E-mail: kodirov_8080@mail.ru

Имзои Қодиров Дилшод Сайдаллоевичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара,
кӯчаи Марказӣ 25,
Телефон: (+83312) 2 28-06; факс: 2 28-06.
E-mail: dddangara_2013@mail.ru
«06» марти соли 2025